# Чормағз — даромади нағз

(Аввалаш дар саҳифаи 3.)

Бо ба амал ҷорӣ намудани ин бизнес — лоиҳа се муаммои иҷтимоию иқтисодӣ ҳаллу фасл мегардад. Аввалан, захираҳои меҳнатӣ ба кор ҷалб карда мешаванд. Дуввум, қитъаҳои бекорхобида истифода мегарданд ва табиат бо либоси сабз фаро гирифта мешаваду мувозинати он пойдор мемонад. Сонияи, ҳаҷми истеҳсоли ин неъмати бахосият зиёд мегардад, имконияти ба содирот баровардани он меафзояд. Раисҷумҳур Ислом Каримов ба пешрафти кишвар таъсири муҳим доштани рушду тараққӣ додани бизнеси хурду миёнаро гаштаю баргашта таъкид менамояд. Моро зарур аст, ки нишондодҳои Президентро роҳнамои кори худ донем ва бизнес — лоиҳаҳои дар боло зикраш рафтаро ҳар чи бештар ба ҳаёт ҷорӣ намоем.

Замини Ўзбекистон ҷаннатмисол аст. Ба кадом як гўшаи он назар наафканед, руҳатон болидаву дилатон хушнуд мегардад. Дар даштҳои нопайдоканори он, ки миллионҳо гектарро ташкил медиҳанд, бузу гўсфанд, аспу шутур парвариш меёбанд, аз онҳо пўсти гаронбаҳои қарокўлӣ, гўшту пашм ва бисёр дигар маҳсулоти баарзиш истеҳсол мешаванд, дар ин саҳроҳои беканор гиёҳҳои доруворӣ мерўянд. Кўлу ҳавзҳои кишвар манбаъи бамонанди моҳиву мўинаҳои қиматбаҳо ҳастанд. Кўҳу сангҳое, ки дар назари аввал бесуд ҳам дар асл хазинаи бузурганд. Дар олам кишварҳое ҳам ҳастанд, ки дар ҳудуди онҳо рег, сангу шағал низ нест, ин мамлакатҳо маҳз ба чунин мавод ниёз доранд. Замини мо сарвати бебаҳои гранит, санги мармар ва боз бисёр дигар маводҳои бинокорӣ аст. Ҷумҳурии Қароқалпоқистон, вилоятҳои Навой, Қашқадарё, Сурхондарё, Ҷиззах, Тошканд ва ғайра макони чунин хазинаҳо мебошанд. Кирмакпарварӣ, паррандапарварӣ, асалпарварӣ...Ин хазинаҳоро ба шумурдан наметавон номбар кард.

Сарвати зеризаминӣ, боигариҳои аз лалмикорӣ ва заминҳои обёришаванда ба даст меомада аз доираи таърифу тавсиф берунанд. Хулоса, аз ҳар як қитъаи кишвар, ҳар як соҳаи фаъолият дар он агар аз вай оқилона ва бомаврид истифода шаванд, хазина андар хазина ҳастанд. Чуноне ки ба баста нашудани чашми чашмаҳо саъй дорем, ба аз эътибор дур намондани ҳар як хазина ҳам бояд ҷидду ҷаҳд намоем.

Вақте аз ин хусус андеша меронем, боз минтақаҳои кўҳӣ ва наздикўҳӣ, ҷўву рўдхонаҳое, ки аз ҳазорҳо чашмаҳо ба ҳам меоянд, пеши назарамон ҷилвагар мегарданд. Қисми асосии ин гуна ҳудудҳо дар тасарруфи сарраёсати хоҷагии ҷангалпарварӣ мебошанд. Заминҳое, ки бо роҳи табииву маданӣ ба ҷангалҳо бадал ёфтаанд, 2,379 ҳазор гектарро ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, чормағззороне мавҷуданд, ки бо роҳи ёбой ё дасти инсон бунёд гардидаанд. Баробари ин ҳазорҳо гектар замине, ки қобили дарахтзор шудан мебошанд, то ҳол холианд. Дар барномаи хоҷагии ҷангалпарварии Ўзбекистон барои ривоҷ додани соҳа дар солҳои 2000 — 2005-ум дар 3 - 4 ҳазор гектар замин бунёд намудани чормағззор, бодомзор, пистазорҳои нав мавҷуд аст. Дар ин бобат як қатор тадбирҳо андешида мешаванд. Агар миқёси корҳо васеъ карда шавад, имконияти ба даҳ — понздаҳ баробар афзудани нишондиҳандаи болоӣ ҳаст.

Бояд эътироф намоем, ки нигоҳ доштани мувозинати табиӣ, таъмини покии ҳаво, мубориза ба муқобили муфлисшавии хок, муҳофизати олами ҳайвоноту наботот ва ғайри аз вазифаҳои аввалиндараҷаи сохтори хоҷагии ҷангалпарварӣ мебошанд. Баробари ин аз хазинаи бебаҳое чун ҷангал то ҳадди имкон хубтар истифода бурдану ба дастурхони халқи кишвар нозу неъматҳои мухталиф пешкаш кардан, барои тиббиёт гиёҳҳои доруворӣ расонда додан, хазинаҳои заруририро барои соҳаҳои дигар ҳар чи бештар расондан низ аз вазифаҳои масъулиятноки ин сохтор маҳсуб мегарданд. Мутаассифона, баъзе хоҷагиҳои ҷангалпарварӣ дар парвариши дарахтони мевадор, аз ҷумла чормағз, сари вақт озуқонидану аз ҳашароти зараррасон муҳофизат намудани онҳо беэътиборӣ мекунанд, корашон мувофиқи тақозои замон нест.

Бинобар сари вақт нагузаронидани тадбирҳои агротехникӣ ва зиёда аз он авҷ гирифтани бесарусомонӣ миқдор ва ҳаҷми маҳсулот кам мегардад. Аз ҳама бад он аст, ки бинобар бепарвоӣ ва авҷи талаву тороҷгарӣ миқдори ҳосил нисбати ҳар як бех дарахт хеле паст мебошад. Мувофиқи маълумоти сарраёсати хоҷагии ҷангалпарварӣ дар хоҷагиҳои сохтори мазкур соли 1998 — 105, соли 1999 — 50,3, соли 2000 бошад 147 тонна чормағз ҷамъоварӣ шудааст. Ин ҳамагӣ 1,5 — 2 фоизи нишондиҳандаи ба ин маҳсулоти дахлдори тамоми хоҷагиҳои мамлакат мебошад. Ҳол он ки қисмати зиёди чормағззори ҷумҳурият дар тасарруфи Сарраёсати хоҷагии ҷангалпарварист. Сари вақт гузаронидани тадбирҳои агротехникӣ, афзун намудани ҳосилнокӣ, ба беҳтар кардани сифати чормағз муваффақ гардидан тақозо дорад, ки ба ин соҳа нерўи корӣ бештар ҷалб карда шавад, манфиатдорӣ афзояд, эҳсоси ҷавобгарӣ зиёд гардад, тадбиркорие, ки бо усули ба иҷорагирӣ такя менамояд, равнақ ёбад.

Ин неъмат чун бодом, писта, фундуқ ба оилаи чормағзмеваҳо мансуб аст. Дар бисёр минтақаҳои мамлакатамон барои истеҳсоли чормағз, бодому писта шароити мусоиди табииву иқлимӣ мавҷуд аст. Акнун саволе ба миён меояд. Мо аз ин имконият чӣ хел истифода мебарем? Барои ба ин савол ҷавоби асоснок пайдо намудан мо ба вазорати Макроиқтисодиёт ва омор муроҷиат намудем. Баъд аз таҳлили ҳуҷҷате, ки аз ҷониби мутахассисони департаменти омори давлатӣ таҳия шудааст, равшан гардид, ки имкониятҳо ба дараҷаи зарурӣ истифода нашудаанд.

Барои собит намудани фикри худ чанд далел меоварем. Соли 2000-ум аз 8,7 ҳазор гектар замини тамоми хоҷагиҳои ба ин тоифа мансуби ҷумҳурият 7,5 ҳазор тонна чормағзи юнонӣ, бодом ва писта ҷамъоварӣ шудааст. Яъне аз ҳар гектар андар як 862 килограммӣ ҳосил бардоштаанд. Агар дар ҳар гектар 80 — 100 бех чормағз, 140 — 170 бех бодому писта рўиданашро ба инобат бигирем, ҳосили як бех дарахт ба 7 килограмм ҳам намерасад. Агар ин нишондиҳандаро бо пиставу бодом нисбат диҳем, шояд каме мувофиқат бикунад, вале қисми бисёри масоҳати дар боло зикраш рафтаро чормағззор ташкил медиҳад ва он гувоҳи хеле паст будани ҳосилнокӣ аст. Ташвишовар аст, ки дар вилоятҳои Фарғона, Самарқанд ва Тошканд ҳосилнокии дарахтони чормағзмева аз нишондиҳандаи миёнаи ҷумҳурият ҳам анқариб ду баробар камтар мебошад.

Ғайр аз минтақаҳои кўҳистон дар дигар мавзеъҳо — шаҳрҳо, маркази ноҳияҳо, деҳот ҳам имкониятҳои истеҳсоли чормағз ҳаст. Дар даҳаҳои истиқоматӣ зиёд намудани ин дарахт суди бисёр меоварад. Дар хоҷагиҳои хонаҳои истиқоматии серошёна чи қадар заминҳои ҳосилхез холӣ истодаанд ё худ бо дарахтони бемева пўшидаанд. Дар лаби роҳҳо ва дохили ҳавлиҳои маҳаллаҳое, ки хонаҳои якошёна доранд, коштани ниҳолҳои чормағз ба мақсад мувофиқ аст.

Аз қадимулайём мардуми мо ба парвариши чормағз беҳуда дил набастаанд. Зеро 100 — 150 килограмм чормағз имкон додааст, ки дар дастархони хонавода тамоми чаҳор фасли сол ғизои нерўбахшу муфид бошад. Агар ширкатҳо, хоҷагиҳои фермерӣ ва деҳқонӣ дар лаби ҷўю анҳор, роҳу кўчаҳо, заминҳои аз кишти дигар озод чормағз коранд, барои фаровонӣ хизмати шоиста мекунанд. Мо меҳоҳем ягон ваҷаб замини саховатмандамон, ки аз нуру шуъои офтоби мунир баҳраманд аст, холӣ намонад, зоеъ нагардад.

**С. САИДАЛИЕВ,**
**ҷонишини сармуҳаррири «Қишлоқ ҳаётӣ».**



# Маскани ҳунаромўзӣ

Маркази эҷодиёти техникии хонандагон, ки дар назди шўъбаи таълими халқи шаҳри Фарғона арзи вуҷуд мекунад, аз рўи самтҳои бадеӣ, эҷодиёти техникӣ ва санъати амалии халқ фаъолият пеш бурда, мунтазам машғулиятҳо мегузаронад. Мақсади асосии аҳли меҳнати он тарбияи ҷавонони иқтидорнок ва омўзондани сирру асрори ҳунарҳои мухталиф ба онҳост. Дар ин ҷо 24 маҳфил фаъолият пеш мебарад ва машғулиятҳоро омўзгорону мураббиёни номдор мегузаронанд.

Ҳоли ҳозир дар маркази мазкур 1210 нафар муҳассил сирру асрори ҳунарҳои мухталифро меомўзанд. Онҳо баъди таҳсил дар мактаби ҳамагонӣ ба маҳфилҳои дўстдоштаи худ омада, дониши назариявии худро дар амал мустаҳкам мекунанд. Ба онҳо омўзгорон ва ҳунармандони номдор сабақ медиҳанд ва номҳои Момохон Анорбоева, Владимир Комлев, Зафарҷон Халиловро бо ҳурмату эҳтироми махсус ба забон мегиранд.

**Дар сурат:** сардари маҳфили бофандагии Маркази эҷодиёти техникӣ **Момохон АНОРБОЕВА** ҳини машғулият.

**Аксбардор: Муқимҷон ҚОДИРОВ. (ЎзА).**

*Гуфтугўйи тамаддунҳо*

# Қиссаи ҳиротии Ҷон Бейли ва Вероника

Дар тўли солҳои истиқлоли Ўзбекистон мо шоҳиди бевоситаи бисёр анҷуманҳо, ҷашнвораҳои бонуфузи байналмилалӣ, мусобиқаҳои ҷаҳонии варзишӣ шудем. Дар Самарқанди бостонӣ баргузор шудани ҷашнвораи якум, дуюм ва сеюми «Таронаҳои Шарқ» шахсан барои банда воқеаҳои муҳиму фаромўшнопазир ба ҳисоб мераванд. Ин ҷашнвораи мусиқии байналмилалӣ, ки аз соли 1997 инҷониб зарфи ҳар ду сол як маротиба баргузор мешавад, умедворем умри зиёд хоҳад дид.

Камина дар ҳар се ҷашнвораи «Таронаҳои Шарқ» ба сифати хабарнигори радиои байналмилалии Ўзбекистон иштирок намуда, ҳар бора шоҳиди гуфтугў бо Томас Оггери олмонии ҷангнавоз дар бораи Мавлавӣ ва мусиқии Шарқ ҳеҷ аз ёдам намеравад. Ё сўҳбати Ҷон Дюринги фаронсавӣ аз хусуси Шашмақом, таронаҳои ҷашнии тоҷикӣ. Ҳамин зайл мусоҳиба бо профессори Донишгоҳи Токиои Япония Генучи Тзуге, ки ба форсӣ хуб ҳарф мезад, албатта фаромўшнопазиранд.

Дар ҷашнвораи сеюми «Таронаҳои Шарқ», ки дар остонаи даҳумин солгарди истиқлоли Ўзбекистон баргузор шуд, аз Англия мусиқидонҳои варзида Ҷон Бейли ва Вероника Дабледей ташриф оварданд. Таърих аҷаб ҳакамест. Вақте аз минбари анҷумани илмии ҷашнвораи «Таронаҳои Шарқ» ҷаноб Ҷон Бейли ва Вероника хонум аз хусуси ҳифз намудани ҳунари




базми пуршукўҳу беназири мусиқиву суруд, анҷуманҳои илмии амалие шудаам. Дар он фестивал аз чаҳор гўшаи дунё мусиқидонҳо, мутрибон ва ҳофизони варзида дар як саҳн — майдони таърихии Регистон гирди ҳам омада, ба забони таронаи шарқӣ бо ҳам гуфтугў мекарданд, дўсту рафиқ мешуданд. Гуфтугўю муколамаи тамаддунҳоро дар як ҷо дида кас беихтиёр мегўяд: ин дунёе, ки мо азимаш медонем, ки чӣ қадар кўчак будааст!

Бароям хеле масарратбахш буд, ки аз байни иштироккунандагони ҷашнвораҳои ҳам якум ва ҳам дуюму сеюм ҳунарпешагон ва мусиқидонҳое вохўрдам, ки худ урупоитабор бошанд, ҳам ба забони форсии тоҷикӣ гап мезаданд. Масалан, овозхонӣ ва мусиқии афғонҳо дарднок ҳарф мезаданд, дар хоки Афғонистон ҷабру зулми толибҳо бар аҳли санъат ба нуқтаи олӣ баромада буд. Вақте Вероника хонум дойраро ба даст гирифта дубайтиҳои афғониро зам-зама менамуд, ё Ҷон Бейли рубоби афғонӣ менавохт, ҳама чапак мезаданд, дар Ҳироту Мазори Шарифу Кобул мусиқӣ барои худи афғонҳо дар зиндон буд.

Ҷон Бейли мегуфт: «Ман навори бисёре аз ситораҳои ҳунари мардумии Ҳиротро дорам, ки шояд дар ҷаҳон касе надошта бошад. Ва илова менамуд: «Тақрибан 350 соат сабти фитани (кассетии) мусиқии Ҳиротро дорам дар Инглистон». Фикр мекунам ду диски лазерӣ, ки ин дилбохтагони мусиқии Шарқ бо номи «Дил ба дил» ва «Аз Кобул то Калифорниё» дар Амрико нашр кардаанду ҳоло аз радиои Тошанд низ садо медиҳанд, имрўз барои афғонҳо низ манбаи омўзишу тақлид аст.

Аввал аз Ҷон Бейли пурсидем:

**— Чӣ сабаб шуд, ки шумо ба ҳунари мусиқии Шарқ, аз ҷумла афғонӣ руҷўъ кардед?**

Ў ба лаҳҷаи дарии хоси Ҳирот чунин мегўяд:

— Тақрибан 27 сол пеш ман ҳамроҳи хонумам ба Афғонистон рафтем. Ба мусиқии шарқӣ хеле шавқ доштам. Аз радио аз мусиқии Ҳиндустон, Эрон ва кам-кам аз мусиқии Ўзбекистон шунида будам. Мо ду сол дар шаҳри қадимии Ҳирот зиндагӣ кардем. Мо бо супориши ҳукумати Инглистон бояд тадқиқоти мусиқӣ мебурдем. Ман аз устоди дуторӣ Гадо Муҳаммад дутор, аз устод Муҳаммад Умар рубоб ёд гирифтам. Он фитаҳо (кассетаҳо), ки ман сабт кардам, архиви хеле муҳим аст. Чунки дар Афғонистон ғайр аз хонданиҳои мазҳабӣ чизи дигар намондааст. Устодони ҳунари овозхонӣ аз зулми толибҳо ватани худро тарк карданд. Бисёр муҳим аст, ки мусиқӣ дар дохили Афғонистон зинда бошад.

Ман имрўз дар Донишгоҳи Лондон аз мусиқӣ дарс мегўям, профессор ҳастам. Ман аслан намедонам, аз чӣ сабаб мусиқии ғарбиро хуш надорам, инро худо медонад. Вақте факултаро халос кардам, 22-23 сол доштам, рафтам ба Афғонистон. Дар Афғонистон мусиқии дилчаспро шунидам ва то имрўз аз дунболи ин мусиқӣ ҳастам.

Ҷилави сўҳбатро Вероника хонум гирифта, ба дарӣ чунин қисса кард:

— Вақте ки дар Ҳирот будам, хуш доштам, ки мусиқии афғониро ёд бигирам. Аввал ба шавҳарам кўмак кардам: байтҳоро ба лотинӣ навишта, тарҷума мекардам. Аммо кам-кам дойраро ба дасти худ гирифтам. Боре ба як арўсӣ (тўй) рафтам. Ман он вақт нафаҳмидам, ки ин рўз бароям хеле муҳим аст. Ҷон дар он арўсӣ пеши мардакҳо рафта, ман пеши занҳо. Он ҷо дастасози (ансамбли) Зайнаби Ҳиравӣ ҳам омада буд. Ҳиротиҳо расму ривоҷ доштанд, ки дар арўсии занона дастасози занона бошад. Вақте арўсу домод меомаданду ба тахт менишастанд, хонданиии махсуси арўсӣ садо медод. Дар он арўсие, ки рафта будам, Зайнаб Ҳиравӣ аз ман хоҳиш кард, ки ҳар чӣ ёд дорам, бихонам. Зани волӣ ҳам он ҷо нишаста буд. Ў гуфт, ки «хиҷолат накашед, бихонед». Ман он рўз таронаҳоро ғалат хондам. Зайнаб Ҳиравӣ ба ман ёд доду ба шогирдӣ қабул кард. Тақрибан 6-7 моҳ доим ба хонаи ӯ мерафтаму байтҳоро ба китоб (яъне ба дафтар) менавиштам. Гоҳо ба арўсиҳо мерафтему байтҳои собиқа ва навро ёд мегирифтам. Хусусан дар «ширинихўриҳо», ки пеш аз арўсӣ тарафи чошт то соати 7-и шом мегузашт, рафта, байт мехондам. Зайнаби Ҳиравӣ зани меҳрубон буд ва табиати зинда дошт, овозаш дар Ҳирот машҳур буда. Машҳуртарин хонданиии ӯ «Ширин духтари мулло» буд. Ин чорбайтии собиқа хеле муассир аст. Мутаассифона, Зайнаб соли 1985 фавт кард, ин хабарро шунида ғамгин шудам. Худо биёмурзадаш.




Сипас, Вероника хонум дойра ба даст гирифта, аз он таронаҳои арўсии махсуси Ҳиротро, ки дар анҷумани илмӣ хонда буд, барои мо низ иҷро кард. Он тарона «Улан-улан» ном дошт:

*Ой улан-улан, ой улан, ой*
*амон дилбар,*
*Булбул масти ёр, ёр,*
*ҷон оғоҷон,*
*Худо муборак кунад, ёр, ёр!*
*Ой саллалоҳ ё набӣ, ё набӣ,*
*дилбар, ё набӣ,*
*Мушкил кушо, ёр, ёр, ой*
*оғоҷон, мушкилро осон*
*кунӣ, ёр,*
*Ой, сар ба зону магзор,*
*ой амон, ой дилбар,*
*Гиря макун зор-зор, ҷон*
*оғоҷон, ҳукми худо ҳамин*
*аст,*
*Ой, шукри худо, ёр, ёр...*

Аз Ҷон Бейли боз мепурсам: Ҷашнвораи «Таронаҳои Шарқ» муҳим аст?

Ў чунин ҷавоб гуфт:

— Аз нигоҳи мо бисёр муҳим аст. Ин беҳтарин ҷашнвораи мусиқист. Ин ҷо ман аз тамоми дунё беҳтарин мусиқӣ шунидам. Мардум аз ин тараф, он тарафи дунё омада, ба як ҷой мебошанду мусиқӣ аз ҳар гўшаи дунё гўш мекунанд. Мо ҳама инсон ҳастем.

Ва бар иловаи ҷавоби суоли ман Ҷон Бейли чунин ишора кард:

— Мо вақте дар Ҳирот будем, шунидем, ки дар шимол, бо номи Ўзбекистон ҷойе ҳаст. Ин ҷо шаҳрҳои машҳури Самарқанду Бухоро ҳастанд. Аммо он вақт натавонистем биёему ин шаҳрҳоро бубинем. Чун байни Ўзбекистон ва хориҷ девори баланд буд. Акнун хуш ҳастем, ки Ўзбекистон озод шуда, роҳҳо боз гаштанду мо метавонем бо шумо мулоқот кунем, аз мусиқии шумо гўш кунем. Зиндагие, ки шумо ин ҷо доред, бисёр зиндагии хуб ҳаст. Зинда бод Ўзбекистон!

Дар идомаи сўҳбати ин инсонҳои шариф бояд илова кард, ки Вероника Дабледей дар бораи зиндагии занони Ҳирот китобе ба забони англисӣ навиштааст, ки дар ИМА ва Олмон низ чоп шудааст. Ҷон Бейли ва Вероника ду писар доранд, ки ҳар ду ба мусиқӣ шавқи зиёд доранд.

Ҳангоме ки бо ин ду нафар инсони равшанзамир дар меҳмонхонаи «Афросиёб»-и Самарқанд сўҳбат мекардем, хабарнигори Би-Би-Си Меҳдӣ дастгоҳи аккосиро ҷониби онҳо дошта, аксашонро мегирифт. Мо аз оғои Меҳдӣ хоҳиш карда будем, ки як нусха аз он аксро барои мо фиристад, ки то ин мусоҳибае, ки имрўз насиби муштариёни «Овози тоҷик» шуд, бо он сурат чоп шавад. Аммо мутаассифона он акс ба дасти мо нарасид. Фикр мекунем, ин сўҳбат ҳам чеҳраи он инсонҳоро пеши назари шумо ҳувайдо мекунад.

**Ш. САЛИМОВ.**

# Турфа олам

## Вагони парашютдор

Гуфта намешавад. Тайёра фаразан дар даҳ ҳазор метр баландӣ парвоз дорад. Фалокат рух дод. Масалан сўхтор. Ё худ низоми идоракунӣ аз кор баромада, имконияти идора кардани тайёра аз даст рафт ва ё дигар носозии техникӣ рух дода хавфи воқеии ба поён рафтани тайёра ба вуҷуд омад? Дар чунин шароит чӣ гуна рафтор бояд зоҳир намуд ва чӣ гуна роҳи халосиро ҷустан лозим?

— Мусофиронро пурра аз хавфу хатар эмин нигоҳ доштан мумкин аст, — мегўяд ба ин савол хотирҷамъона ҷавоб гардонда лётчик ва ихтироъгар Питер Даймонд, аз иёлати Пенсилванияи Амрико.

Ва барои ифшо кардани ин фикрҳо асос ҳам доштааст. Зеро ба қарибӣ ба ихтироъаш патент гирифтааст. Мувофиқи он салони мусофирон аз вагони қаторае кам фарқ мекунад. Ҳамин ки садама ва ё носозӣ рух дод, вай аз тайёра ҷудо мешавад ва тавассути парашют ба поён роҳ пеш мегирад. Аҷибаш ҳамин аст, ки ин кор ба таври автоматӣ ба иҷро расонда мешавад.

## Профессор дузд буд

Донишҷўёни факултаи биологияи Донишгоҳи Лос-Анҷелес аз рафтори лекторашон, профессори соҳаи биология Майкл Димкович ҳамеша дар ҳайрат меафтоданд. Чунки профессор ба лексия мунтазам дер меомад ва дар синфхона хобаш бурда мемонду баъзан аз баҳри гузарондани машғулиятҳо мебаромад. Дар донишгоҳҳои Амрико ба ин ҳаргиз роҳ гузошта намешавад ва донишҷўён ҳаракат мекунанд, ки роҳи халосиро дарёбанд. Аз ин рў донишҷўён вакил интихоб карда, қарор доданд, ки профессорро назорра кунанд.

Яке аз рўзҳо гурўҳи назоратӣ профессорро номаълум аз манзили истиқоматиаш таҳти назорат қарор гирифт. Ниҳоят вай аз манзилаш баромаду дар дасташ портфели калоне дошт. Дере нагузашта ба бинои бонке дохил шуду назораткунандагон дигар ўро пайдо карда натавонистанд.

Вале воқеаи аҷибе рух дод. Назораткунандагон ба мақсади гирифтани маблағ ба бинои бонк дохил шуданд ва дере нагузашта онҳо соҳиби маблағи зарурӣ нашуда, аз дар шахси номаълуми дар даст портфели калон доштаву рўяш бо матои сиёҳ печондашуда ворид гардида, ҳамаро маҷбур сохт, ки ба замин хоб кунанд ва тамоми маблағи дар ҷайбашон бударо ба болои курсӣ гузоранд.

Ҳамин тавр, дар тўли як моҳ рўзномаҳо дар бораи дуздии асрорангез чандин хабарҳо эълон карданду вале дузд дастгир намешуд. Зикр меёфт, ки дузд мудом яккаву танҳо ҳаракат мекунад ва аз ҳамин сабаб дастгир гардиданаш ба душворӣ сурат мегирад.

Ниҳоят дузд дастгир шуд ва маълум гардид, ки вай профессори биологияи Донишгоҳи Лос-Анҷелес Майкл Димкович будааст. Ва сабаби ба дарсдиҳӣ дер мондаашу мудом дар ҳиссу ҳаяҷон буданаш дар дуздиаш будааст.

Дар суд Димкович эътироф намуд, ки якчанд сол муқаддам аз шахсе ба андозаи маблағи калоне қарздор шудааст ва маҷбур шудааст, ки бо ҳамин васила аз он халос шавад. Агар боз як маротиба амалиёташ бобарор меомад, дар он сурат аз вай на пайу на ҳайдарро ёфтан мумкин мебуд. Ба сифати «бомба» ў соати кўҳнаро истифода бурдааст.

Ҳамин тавр, профессор ба даст афтод. Вале ба ў ҷазои сахт надоданд. Ў алҳол ҷазои маъмуриро аз сар мегузаронад ва раҳмдилон маблағи зарари расондаи ўро мепардозанд.

## Чашмгуруснагӣ ба сараш расид

Сад сол муқаддам миллионери амрикоӣ Чек Гарднер васият карда буд, ки ҳамсараш баробари вазни ҳарсолааш соҳиби тангаҳои тиллоӣ мегардад. Ин хабарро ба миссис Гарднер дертар расонданд.

Хулқу хўи хонум тағйир ёфт. Соли аввали баъди вафоти шавҳараш 80 килограмм зеру зевар гирифт. Вале ин ўро хотирҷамъ карда наметавнист. Аз паи зиёд кардани вазни худ гашт. Соли дуюм вазнаш ба 94 килограмм ва соли сеюм ба 107 килограмм рост омад. Вале барои маротибаи чорум баҳраманд гардидан аз молу мулки аз шавҳараш меросмонда муяссар нагардид. Чунки вафот кард. Охир фарбеҳиро гўсфанд мебардорад гуфтагӣ мақол беҳуда гуфта нашудааст. Яъне чашмгуруснагии бева сарашро хўрд.

## Бо роҳи фиреб

Павели 16-сола фарзанди арҷманди тадбиргарони обрўманди шаҳри Камчатка буд. Мудом аз ҳамсолон фарқ карда меистод ва бештар маблағро сарф мекард. Волидон аз он ба дод омада буданд. Ба Павел 300 доллар лозим шуд. Аён буд, ки онро аз волидон гирифтан душвор. Аз ин рў ў роҳи фиребро пеш гирифта, ба ин кор ҳамсинфонашро ҷалб сохт.

Ҷавоне тавассути телефони мобилӣ аввал ба падар ва баъд ба модари Павел дар бобати ба милиса афтодани ў хабар дод. Дар айни замон боз хабар дод, ки рафиқони онҳо ба шўъбаи милиса хабар додаанд, ки ба бинои онҳо бомба гузошта шудааст ва аз ҳамин сабаб онҳо безобитаанду ҳамаро дар берун нигоҳ медоранд ва ҳоҷат ба он ҷо рафтан ҳам нест.

Волидон тавассути шиносҳои худ дуруст буданиии ин хабарҳоро дониста гирифтанд ва боз бесаброна телефони аз номи фарзандашон мешударо мунтазир шуданд. Ниҳоят занг баланд шуд ва ў таклиф пеш гузошт, ки барои халос қардани Павел 300 доллар лозим аст.

Волидон 300 долларро ба ў доданд ва ҳамроҳ ба шўъбаи милиса омаданд. Он ҷавон ба бинои миршабхона ворид гардида, хабар дод, ки хавотир накашанд, баъди як соат Павелро худаш ба маъвояш бурда мемонад.

Волидон баргашта омада, ҳангу манг шуда монданд. Зеро дар даромадгоҳи хона писарашон Павел тамоми воқеаи рухдодаро бо як ҳисси аҷиб нақл мекард ва волидони худро дар соддалавҳӣ айбдор меҳисобид. Волидон пай бурданд, ки ин воқеа боз як «қасосгирии» фарзандашон аз онҳо мебошад.

Овози тоҷик

МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир Эсон Турдиқулов.

Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе мебарояд.

*Рўзнома дар компутерхонаи идора чинда, саҳифабанд гардид.*

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

***Рўзнома дар Кумитаи давлатии матбуоти Ўзбекистон номнавис гардидааст. Тартиби номнависшуда № 16. Г - 53.***
Теъдоди чоп 2700.

Ҳисоби сурати мо дар бонк: Ҳ/С 20212000800101767001, МФО 00423. Шўъбаи Меҳнати ЖСБ дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: **Б.ТЎЙНАЗАРОВ.**
Мусаҳҳеҳон: БОБОҶОНОВА Ф. ФАЁЗОВА Т.
Саҳифабанд: Г. Раҳимова.

Нишонии мо:
700047 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ 133 - 82 - 83; шўъбаи мактубҳо ва корҳои оммавӣ 136 - 57 - 28.
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ», нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.